# ТАҚРИЗИ

муқаррizи расмӣ ба рисолаи илмии Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Дар даҳсолаҳои охир инкишофи босуръати илму техника ва технологияҳои инноватсионӣ имконоти зиёду судмандро дар ихтиёри инсонҳо гузошта, барои рушду такомули инфиродии шаҳрвандон, аз ҷумла насли наврас муосидат мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…»

Вақте, ки сухан дар бораи таълиму тарбияи насли наврас меравад, барои онҳо, пеш аз ҳама, муҳайё кардани шароити мусоиди таълимӣ хеле муҳим аст. Азхудкунии имкониятҳои нави тарбияи рафтори иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи ташкили чараёни мураттабу серҷабҳаи таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаи таълимӣ вобаста аст.

Аз ин нуқтаи назар мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ Собирова Назира Солиҷоновна зери унвони “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” яке аз масъалаҳои актуалӣ ва муосир дар педагогикаи тоҷиқ ба шумор рафта, тадбирҳои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии оҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва “Консепсияи милии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро дар муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ менамояд.

Таҳлили педагогии фаъолияти хонандагони хурдсол аз мо дарки мафҳуми васеи «рафтори ҷамъиятӣ»-ро тақозо менамояд. Дидгоҳи маъмуле, ки дар энсиклопедияҳо ва фарҳангҳои муосир пешниҳод гардидааст, аз баррасии рафтор ҳамчун раванди густурдаи барои тамоми мавҷудот иборат аст: «Рафтор - таъсироти мутақобили ба тамоми мавҷудоти зинда хос мебошад, ки фаъолнокии ҳаракат ва самтгирии онҳоро нисбат ба ин муҳит дар бар мегирад» ва «Рафтор - маҷмӯи амалҳои воқеӣ, зуҳуроти фаъолияти ҳаётии мавҷудоти зинда», аз он ҷумла, инсон мебошад. Дар ин асно бояд гуфт, ки истилоҳи «рафтор»

ҳам нисбат ба инсон, ҳам нисбат ба фардҳои алоҳида, ҳам ба маҷмӯи онҳо татбиқшаванда мебошад.

Муаллифи рисола Собирова Н.С. иброз намудааст, ки солҳои охир дар илми педагогика таҳқиқоте анҷом дода шудаанд, ки ба коркарди муаммоҳои педагогикаи мардумӣ бахшида шудаанд. Бо вуҷуди бунёдӣ будани ин таҳқиқот, на ҳамаи онҳо таҳсилоти ибтидоии мактабиро фаро мегиранд. Таҳқиқоти ҷудогона оид ба иҷтимоигардонии хонандагони хурдсол, ҷалби хонандагон ба фарҳанги миллӣ анҷом дода шудаанд, аммо таълифоте, ки дар онҳо имконияти ангезиши ташаккули сохторҳои рафтории шахсияти хонандаи хурдсол дар заминаи анъанаҳои халқи тоҷик баррасӣ шудаанд, анҷом наёфтаанд.

Аз ин рӯ, таҳсилоти ибтидоии муосир бо як қатор ихтилофот рӯ ба рӯ мешавад: ихтилофот байни зарурати омодагии ҷадид, сифаташ беҳтари таълимӣ ва иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва омодагии нокифояи муассисаҳои таълимӣ барои расидан ба ин сифат; байни талабот ба таҷрибаи касбии педагоги мактаби ибтидоӣ ва имконияти воқеии фарҳанги педагогии ӯ; байни зарурати амалӣ намудани ҳуҷҷатҳои нави меъёрӣ ва қонунгузорӣ, ки муассисаҳои таҳсилотиро ба омодагии шаҳрвандони арзанда ҳидоят менамояд ва шароити объективии мавҷуда барои иҷрои онҳо.

Мубрамии мавзуи диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ихтилофҳои болозикр, ҳамчунин талаботи амалия ба ҷамъбаст ва муназзам намудани таҷрибаи мактабҳо оид ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол равона карда шудааст.

Яке аз вазифаҳои таҳқиқот муайян намудани шартҳои зарурии ангезиши ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол ба шумор рафта, барои ошкор намудани онҳо таҳлили назариявии таҳқиқот, санҷишҳо, таҷрибаи шахсии фаъолияти педагогӣ, мушоҳида, анкетагирӣ аз донишҷӯёни факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”истифода шудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он асосҳои назариявию амалии фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик-ро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бар мегирад.

Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки истифодаи техника ва технологияҳои навини иттилоотию педагогӣ дар ҷараёни таълим роҳҳои нави рушди фикррониии хонандагонро мекушояд ва барои таълим, рушд ва тарбияи хонандагон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Дар раванди

гузаронидани дарсҳо, инчунин дар ҷараёни ҳама намудҳои машғулиятҳои берунaзсинфӣ самараноктар мегардад ва бо ин восита ҷараёни бузурги иттилоот ба осонӣ дастрас мегардад.

Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳқиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

- вазъу ҳолати проблемаи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар назарияи педагогӣ ва амалияи кору фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд;
- таҳқиқотҳои педагогии мавҷуда оид ба проблемаи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар хонандагони синфҳои 1-4 таҳлил намудаанд;
- тарҳи (модели) ташаккули “рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол” тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар ташаккули муносибати мусбати онҳо ба сохтори рафтори иҷтимоӣ коркард шудааст;
- самтҳои асосии фаъолияти кормандони МТМУ ро дар фароҳам овардани шароити педагогӣ ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои милии халқи тоҷик муайян гардидаанд;
- санҷиши таҷрибавӣ-озмоишии самаранокии тарҳи (модели) ташаккули “рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол” тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик баргузор намудаанд;
- тавсияҳои педагогиро барои омӯзгорону волидон дар ташкили муҳити самарабахшии фаъолияти таълимии ташаккулдиҳандаи хонандагон зимни истифодаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик мавриди коркард қарор ёфтаанд.

Дар навгонии илмии пажӯҳиш шароити педагогии бештар самараноки ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик муайян ва асоснок карда шуданд, аз ҷумла, самтгирии шахсиятӣ ва фаъолмандонаи раванди педагогӣ дар синфҳои ибтидоӣ, дар он ташкил намудани муҳити инкишофдиҳанда, таъсири мутақобили таҳсилоти ибтидоӣ ва оила, такя ба омодагии рафторӣ ва этнофарҳангии хонандагони хурдсол; дар сохтори рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол афзалияти нишондиҳандаҳое, мисли фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ошкор гардиданд; моҳияти мафҳуми «фарҳанги тарзи рафтор» ва «фарҳанги рафтор» муайян карда шуд; фарҳанги тарзи рафтор нисбат ба «фарҳанги рафтор» мафҳуми густурдатар буда, анъанаҳо, урфу одат, одоби рафтор, ақидаҳо ва

меъёрҳои ахлоқии ба ҷомеаи мазкур хосро дар бар мегирад. Фарҳанги рафтор бошад, қоидаҳои рафтори ба одами алоҳида хосро фаро мегиранд, дарҷ ёфтаанд.

Дар нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешавад, чунин омадааст:

- хусусиятҳои бо дидгоҳи шахсиятӣ нигаронидаи хонандагони хурдсол, мисли фаъолнокӣ, дастаҷамъӣ, шавқу рағбати зиёд ба ҳамсолони худ, эҳтиёҷ барои эътирофи эҳтиром аз ҷониби онҳо, сулҳҷӯӣ, қобилият ба эмпатия кӯшиши созгор намудани рафтори худ бо амалҳои одамони дигар, таҳаммулпазирӣ, дарки мансубияти худ ба ин ё он этнос барои ташаккули рафтори иҷтимоии онҳо аҳамият доранд;

- рафтори хонандаи хурдсол заминаҳои фитрӣ дошта, моҳиятан фаъолияти бо иҷтимоъ таъйиншудаест, ки шаклҳои маъмулии он меҳнат ва муошират мебошанд, ки ба танзими психикии рафтор ҷиҳати сифатан нав мебахшанд. Агар дар низоми фарҳангии пештара механизмҳои меъёрӣ бартарӣ дошта бошанд, дар замони ҳозира механизмҳои арзишӣ афзалият доранд;

- таҳқиқот барои ошкор намудани шароити педагогие мусоидат кард, ки ба хонандагони хурдсол дар раванди ташаккули рафтори иҷтимоии онҳо дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик таъсири муҳим мерасонанд. Дар байни онҳо: самтгирии ба шахсият нигаронида ва этнофарҳангии раванди педагогӣ дар муассисаи таълимӣ, дар он ташкил намудани муҳити инкишофдиҳанда, ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ, такя ба омодагии иҷтимоӣ ва этнофарҳангии хонандагон ва хусусияти синнусолии хонандагони хурдсол;

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст.

**Дар боби якум** “Асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” муҳаққиқ қайд менамояд, ки бо ворид гардидани ҷомеаи кунунии кишварамон ба марҳилаи дигаргуниҳо хонандагони муассисаҳои таълимӣ имрӯз дар муҳити сифатан нав ва тазодҳои иҷтимоӣ қарор доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз фарҳанги иҷтимоӣ ва тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон як қарад рӯ ба

костагӣ овардааст. Барои ислоҳи чунин нуқтаи назаи бояд шароити муосиди педагогию психологӣ фароҳам овард.

Дар сурати мавҷудияти шароити мусоид дар синфҳои ибтидоӣ рушди тамоми сатҳҳои психикаи хонандаи хурдсол амалӣ мегардад. Рушди умумии зеҳн, идрок, хотир, тафаккур, диққат, амалиёти мантиқӣ мисли рафтори иҷтимоии хонандаи хурдсол бошиддат инкишоф мееёбанд. Бо вуҷуди ин, танҳо ба худинкишофёбӣ ва худифшонамоии кӯдак умед бастан нодуруст аст. Имрӯз ташаккули иҷтимоии шахсияти инсони хурдсол худ ба худ, аз ҷониби калонсолон мушоҳида шудани падидаву зуҳуроти ҳаёти иҷтимоии онҳо, рушди масъулиятшиносиву мустақилияти хонандагон сурат мегирад.

Муҳаққиқи рисола Собирова Н.С. зимни таҳлили хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол имкон пайдо намуда, сабабҳо, ангезишҳо ва шартҳои баланд бардоштани сатҳи самаранокии тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро ошкор кардааст. Таҳлили фалсафӣ, умумиилмӣ, психологӣ-педагогии таҳқиқотро оид ба тавсифи синни хурди мактабӣ муҳаққиқ дар заминаи назарияи умумии низомҳо, гуногунпаҳлӯӣ ҳамчун шарти муайянкунии робитаҳо ва муносибатҳои гуногун дар раванди педагогӣ, назарияи сохторгароӣ, тавсифи ихтилоф ҳамчун манбаи инкишофро амалӣ намудааст. Таълифоти навтаринро, ки аҳамияти методологӣ, педагогӣ, психологӣ доранд, муаллифи рисола шартан ба чор гурӯҳ тақсим намудааст:

1. Таҳқиқоти классикони маъруфтарин дар таърихи педагогика, ки хусусиятҳои хонандагони хурдсолро ошкор менамоянд.
2. Таълифоте, ки меҳвари онҳоро таҳлили фаъолияти шахсони алоқаманд бо кори муассисаҳои таълимӣ ташкил медиҳад.
3. Таҳқиқоти сершумори солҳои охир, ки ба таҳлили дидгоҳи инсонпарварона, ба шахсият нигаронида, аз ҷумла, этнопедагогӣ ба раванди тарбияи хонандагон бахшида шудаанд.
4. Таҳқиқоте, ки таҳлили таъсири технологияҳои гуногунро ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол инъикос мекунанд.

Муаммои тарбияи хонандагони хурдсол ва рафтори ҷамъиятии онҳоро обирова Н.С. аз таълифоти як қатор маорифпарварони ватаниву хориҷӣ (А.Нуров, Б.Маҷидова, Л.М.Иматзода, Х.М.Сабурӣ, В.А.Сухомлинский, Ш.А. Амонашвили, Г.Н.Волков, Ж.Ж. Руссо, В.Э. Бауэр, В. Запорожетс, И.А. Малашихина ва дигарон) ҳамчун заминаи асосии ташкили кори таълим ва фаъолияти беруназсинфӣ маҳсуб донистааст.

**Дар боби дуюми рисола** «Технологияи педагогии ташаккули рафториичтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии

халқи точик» заминаҳои ичтимоию педагогии рафтори ичтимоии хонандагони хурдсол дар ташаккули муносибати мусбати онҳо чамъият (муҳит) санчиши озмоишии истифодаи мачмӯи сохтор ва мундаричаи мафҳуми «рафтори ичтимоӣ» ва махсусияти он дар рафти кор бо хонандагони хурдсол ва натичаи самаранокии он озмоиши назоратӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Натичаҳои бадастомада собит месозанд, ки дар самти тарбияи хонанда ва самаранок намудани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконияти васеи пешбурди корҳои методӣ ва таълимиро доро мебошанд. Натичаи бадастомада собит месозад, ки истифодаи анъанаҳои миллии халқи точик дар ташаккули рафтори ичтимоии хонандагони хурдсол ба роҳбарият, омӯзгорон ва волидон барои дастрасии муҳити иттиллотӣ ва маводи таълимӣ дар вақти зарурат имконият медиҳад.

Агар ба педагогикаи халқӣ назар афканем, дар он «…ҳисси шарафу ифтихори шаҳрвандӣ барои ҳар як инсон бо муҳити зист - бо он гӯшаи азизе, ки олам барояш кушода шуд, бо чое, ки ништотҳои нав, фаромӯшношуданӣ, нишоти муоширaт бо одамони дигар алоқаманд аст». Зимнан ташаккули ифтихор аз худ, номи худ, шарафи оилаи худ, ҳисси шаъну шарафи шахсӣ, шуури ахлоқӣ, шаклгирии эҳтиёчоти шаҳрвандӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбияи чамъиятии шахс мебошад. Дар рисолае, ки аз чониби муҳаққиқ Собирова Н.С. муратаб гаштааст, аздешаҳои болозикр моҳияти таҳқиқи «Ташаккули рафтори ичтимоии хонандагони хуодсол тавассути анъанаҳои милили халқи точик»-ро ифодагар аст.

Озмоише, ки дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуд, ба консепсия дар бораи вобастагии инкишофи кӯдак ба самтгирии ба шахсият нигаронида ва миллии раванди педагогӣ дар муассисаи таълимӣ асос ёфтааст.

Дар мувофиқат бо фарзия озмоиш ба ҳалли вазифаҳои зерин равона шудааст:

- густариш додани имконияти мутобиқшавии хонандагон дар гурӯҳ, аз чониби онҳо аз худ шудани меъёрҳои амалкунанда, арзишҳо, шаклҳои фаъолият ва рафтор;

- инфиродигардонӣ дар азхудкунии тасаввурот ва мафҳумҳо оид ба шаҳрвандият ва ватандӯстӣ. Ҳайати педагогӣ ба хонандагон эҳсосеро талқин менамояд, ки ба андешаҳо, ақидаҳои онҳо бо эҳтиром муносибат мекунанд, дар онҳо маҳорати мувофиқ кардани рафтори шаҳрвандии худро бо рафтори хонандагони дигар ташаккул медиҳад;

- шиносӣ бо анъанаву маросими халқи худ ва оилаи худ, ташаккули зуҳуроти муҳаббат ба Ватан, талқин намудани хонандагон ба кирдорҳои мусбати шаҳрвандӣ тариқи бозиҳои махсус. Аз ҷониби хонандагон дарк шудани арзишҳое, ки онҳо дар раванди корӣ таҷрибавӣ - озмоишӣ аз худ карданд.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии низоми муносибатҳои инсонӣ ба ҷомеа, меҳнати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, ба одамон дар шаклгирии муносибати бошууронаи хонандагон зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Муҳиммияти мавзуъ тариқи мушаххас набуда, мукаммалӣ ва паиҳамии мантиқиро талаб мекунад.
2. Дар боби аввали рисола мавриди таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ нуқтаи назари олимону муҳаққиқон оид ба ташаккули “рафтори иҷтимоӣ”-и хонандагони хурдсол бояд ба таври васеътар кушода дода мешуд.
3. Бинобар нодуруст тарҷума шудани мафҳуму ибораҳо қисме аз ҷумлаҳо дар фишурдаи кор ба забони русӣ ба таҳлили мантиқию услубӣ ниёз доранд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ мавриди назар қарор доранд.

Бешубҳа, норасоиҳои қайдшуда муҳимияти мазмуну мундариҷаи рисолаи илмии Собирова Назира Соличоновнаро дар мавзӯи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” коста намегардонад, зеро таҳқиқот ба итмомрасида ва мустақил аст ва муҳаққиқ Собирова Назира Соличоновна сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Акрамова М. Ҳ.

Имзои Акрамова М. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, +992 009 09 11 26; E-mail: mohakramova@mail.ru